# СУРАТМАҶЛИСИ №1
## Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

**11 октябри соли 2024** **ш.Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд. Аъзои дигари шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

**1.Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ**

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани диссертатсияи Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ баромад намуд ва аъзои Шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович (раис), доктори илмҳои фалсафа Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич (аъзо) ва доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф (аъзо).

**Қарор қабул карда шуд:**

1.Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ таъин карда шавад.

2.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
- доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович;
- доктори илмҳои фалсафа Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич;
- доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф.

**Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____________ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /_____________ Сангинов Н.Н.